# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «30» 09 соли 2020 №108

«Дар бораи чорабиниҳои Вазорати молия вобаста ба таъмини шаффофият ва дастрасии ҷомеа ба иттилооти раванди буҷетӣ»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1446 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», банди 7 Барномаи беҳтарсозии бахши молиявӣ ва идоракунии молиявии Бонки Осиёии Рушд ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Дастури методӣ оид ба таъмини шаффофият ва дастрасии ҷомеа ба иттилооти раванди буҷетӣ ва рӯйхати маълумоти дар сомонаи интернетии Вазорати молия ҷойгиршаванда тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1 ва 2).

2. Бо мақсади таъмини шаффофияти ҷараёни таҳия ва иҷрои буҷети давлатӣ сардорони сарраёсат ва раёсатҳои Дастгоҳи марказии вазорат ва мақомоти маҳаллии молия вазифадор карда мешаванд, ки маълумоти зарурираро (ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ) мувофиқи замимаи 2 ҳамин фармоиш дар сомонаи интернетии Вазорати молия ҷойгир намоянд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони сарраёсат ва раёсатҳои дахлдори Вазорат вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаҳҳорзода

Замимаи 1
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» сентябри соли 2020, №108

Дастури методӣ оид  ба таъмини шаффофият ва дастрасии ҷомеа
ба иттилооти раванди буҷетӣ

## 1. Муқаддима

1. Дастури методӣ оид ба таъмини шаффофият ва дастрасии ҷомеа ба иттилооти раванди буҷетӣ (минбаъд Дастур) талаботи умумиро вобаста ба таъмини дастрасии шаҳрвандон, ташкилоти ҷамъиятӣ ва васоити ахбори омма (ВАО) ба иттилооти буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳалии молия (минбаъд Вазорат) (ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда) муқаррар менамояд.

2. Ҳисоботдиҳӣ дар назди ҷомеа ҷанбаи муҳими ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ (ИМД) маҳсуб ёфта, дастрасии иттилоот заминаи асосии ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ дар назди шаҳрвандон мебошад.

3. Ваколат, мақсад ва вазифаҳои сохторҳои дахлдори Вазорат оид ба омода намудани маълумот вобаста ба таҳия ва иҷрои буҷети давлатӣ дақиқ ва мушаххас муайян гардида, нашри саривақтии иттилооти раванди буҷетӣ барои таъмини шаффофият ва баланд бардоштани нуфузи Вазорат мусоидат менамояд.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Дастур

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз принсипњои асосии низоми буљетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 8 Ќонуни Љумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Љумҳурии Тоҷикистон» инъикос гардидааст, ин шаффофияти буљет мебошад. Шаффоф будани буҷет маънои интишори ҳатмии буҷети тасдиқшуда ва ҳисобот оид ба иҷрои он дар васоити ахбори омма, пешниҳод намудани ахборот дар бораи рафти иҷрои буҷет, дастрас будани маълумоти дигар дар бораи буҷет, ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, инчунин ҳатман ошкоро будани раванди буҷетӣ барои ҷамъият ва васоити ахбори оммаро дорад.

5. Дастури мазкур ҳадаф ва вазифаҳои Вазоратро дар самти таъмини дастрасии ҷомеа ба иттилооти буҷетӣ инъикос менамояд.

Ҳадафи асоси ин баланд бардоштани шаффофияти таҳия ва иҷрои буҷет аз ҷониби Вазорати молия мебошад.

6. Барои ноил гардидан ба ин мақсад Вазорат бояд маълумот оид ба таҳия ва иҷрои буҷети давлатиро мувофиқи талаботи Шарикии байналмилалии буҷетӣ (ба истиснои маълумоти дорои сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда) дар васоити ахбори омма ва сомонаи интернетии Вазорат нашр намояд.

7. Дастрасии иттилооти раванди буҷетӣ тавассути сомонаи интернетии Вазорат ба шаффофияти он ва таҳияи босифати буҷети давлатӣ мусоидат намуда, аз ҷумла:

– дастрасии васеи иттилоотии раванди буҷетӣ ба аҳолӣ;

– беҳтаркунии сифати иттилооти раванди буҷетӣ бо дарназардошти пешниҳоди ҷомеа ва татбиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар самти идораи молияи давлатӣ;

– баландшавии индекси шаффофияти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои аъзои Шарикии байналмилалии буҷетӣ таъмин мегардад.

## 3. Ташаккул ва ҷойгиркунии маълумот

8. Сарраёат, раёсат ва шуъбаҳои масъули Вазорат:

- маълумоти зарурӣ мансуб ба фаъолияти Вазорат ташаккул ёфта тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ бояд дастрасии шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ гарданд;

- маълумоти иттилоотии заруриро мунтазам ва сари вақт дар сомонаи интернетии Вазорат, инчунин васоити ахбори омма ҷойгир менамоянд.

## 4. Таркиби маълумоти иттилоотӣ оид ба фаъолияти Вазорат дар соҳаи буҷет

9. Маълумоти иттилоотӣ оид ба фаъолияти Вазорат барои дастрасии аҳолӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз ҳашт таркиби калидии ҳуҷҷатҳои буҷетӣ иборат мебошад:

- нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо барои соли молиявии дахлдор, тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои соли молиявии дахлдор (лоиҳаи пешакии буҷет);

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор»;

- Буҷети шаҳрвандӣ: шакли соддакардашудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор»;

- ҳисоботи семоҳа оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тафсири нимсолаи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳисоботи солона оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- хулосаи аудиторӣ оид ба ҳисоботи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон).

5. Ҷойгиркунии маълумот дар сомонаи интернетии Вазорат

10. Маълумот оид ба фаъолияти Вазорат дар соҳаи буҷет, ки дар сомонаи расмии Вазорат ҷойгир карда мешавад, бо Муовини вазири сарпараст ва сардори сарраёсати масъул мувофиқа карда мешавад. Барои омода намудани маълумоти зарурӣ вобаста ба ҷойгир намудан дар сомонаи интернетии Вазорат сарраёсатҳои буҷети давлатӣ ва хазинадории марказӣ масъул мебошанд.

11. Дар сомонаи интернетии Вазорат маълумоти зерин ҷойгир карда мешаванд:

- нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо барои соли молиявии дахлдор, тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои соли молиявии дахлдор (лоиҳаи пешакии буҷет), лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор», Буҷети шаҳрвандӣ: шакли соддакарашудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор», ҳисоботи семоҳа оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири нимсолаи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи солона оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосаи аудиторӣ оид ба ҳисоботи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон).

- барои омода ва пешниҳоди иттилооти дар боло зикргардида сарраёсатҳои буҷети давлатӣ хазинадории марказӣ ва барои чойгиркунӣ Шуъбаи муносибатҳои иттилоотӣ ва барномасозӣ масъул мебошанд.

12. Дар сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (мақомоти маҳаллии молия) маълумоти зерин ҷойгир карда мешаванд:

- буҷети тасдиқшудаи маҳаллӣ аз рӯи даромад ва хароҷот тибқи гурӯҳбандиҳои буҷетӣ;

- буҷети шаҳрвандӣ;

- ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солона оид ба иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандиҳои буҷетӣ.

13. Омода ва ҷойгир намудани маълумоти зарурӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба амал баровардa шуда, инчунин мумкин аст маълумот бо забони англисӣ низ ҷойгир карда шаванд.

## 6. Ҷойгиркунии маълумот дар васоити ахбори омма

14. Робитаи Вазорати молия бо васоити ахбори омма танҳо тавассути Раёсати котиботи Дастгоҳи марказии Вазорат амалӣ карда мешавад.

15. Пешниҳоди маълумот оид ба таҳия ва иҷрои буҷети давлатӣ ба васоити ахбори омма дар мувофиқа бо Вазир ва муовинони вазири сарпарасти соҳа амалӣ карда мешавад.

16. Барои омода намудани маълумот оид ба иттилооти раванди буҷетӣ барои пешниҳод ва нашри он дар васоити ахбори омма Сарраёсати буҷети давлатӣ, Сарраёсати хазинадори марказӣ, Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ ва дигар раёсат ва шуъбаҳои дахлдори соҳавии Вазорат масъул мебошанд.

## 7. Масъулият

17. Масъулияти дар муҳлати муайянгардида пешниҳод нагардидани маълумоти зарурӣ оид ба самти раванди буҷет барои ҷойгиркунӣ дар сомонаи интернетии Вазорати молия ба зиммаи сардорони сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои дахлдори Вазорат вогузор шуда, онҳо барои пешниҳоди маълумоти саҳеҳ ва пурра масъул мебошанд.

## 8. Мониторинг ва баҳодиҳӣ

18. Вазорат ҳар сол пас аз соли ҳисоботи моҳи феврал мониторинг ва баҳодиҳии натиҷаи татбиқи Дастури мазкурро мегузаронад. Барои гузаронидани мониторинг, натиҷаи баҳогузорӣ ва омода намудани ҳисобот Сарраёсати буҷети давлатӣ ва Сарраёсати хазинадории марказӣ масъул мебошанд.

Замимаи 2
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» сентябри соли 2020, №108

Рӯйхати
маълумот барои нашр

| Номгӯй | Муҳлат | Масъул |
|---|---|---|
| Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи соҳаҳо барои соли молиявии дахлдор, Тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарҳи мухтасари дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои соли молиявии дахлдор (лоиҳаи пешакии буҷет) | То як моҳ пеш аз пешниҳоди лоиҳаи буҷети давлатӣ ба ҲҶТ | Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор» | Мавриди пешниҳоди лоиҳаи буҷет ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ | Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор» | Дар давоми ду ҳафта пас аз тасдиқ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ | Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Буҷети шаҳрвандӣ: шакли соддакардашудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор» | Нашр дар якҷоягӣ бо буҷети тасдиқшуда | Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Ҳисоботи семоҳа оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | На зиёда аз 2 моҳи пас аз ба анҷом расидани нимсолаи ҳисоботӣ | Сарраёсати хазинадории марказӣ ва Сарраёсати |

| | | |
|---|---|---|
| | | буҷети давлатӣ |
| Ҳисоботи солонаи қарзи давлатӣ барои соли молиявии дахлдор | Моҳи март | Сарраёсати қарзи давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ |
| Ҳисоботи семоҳаи қарзи давлатӣ барои давраи дахлдор | Ҳар семоҳа | Сарраёсати қарзи давлатӣ ва ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ |
| Тафсири нимсолаи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | На зиёда аз 2 моҳи пас аз ба анҷом расидани моҳи ҳисоботи | Сарраёсати буҷети давлатӣ ва Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Ҳисоботи солона оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пас аз тасдиқ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, лекин на дертар аз 1 сол паз аз анҷом расидани соли ҳисоботи | Сарраёсати хазинадории марказӣ ва Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Буҷети шаҳрвандӣ: шакли соддакардашудаи ҳисоботи солона оид ба иҷрои буҷети давлатӣ | Нашр дар якҷоягӣ бо ҳисоботи солона оид ба иҷрои буҷети давлатӣ | Сарраёсати хазинадории марказӣ ва Сарраёсати буҷети давлатӣ |
| Хулосаи аудиторӣ оид ба ҳисоботи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон) | Мувофиқи қонунгузории ҶТ | Сарраёсати буҷети давлатӣ, Сарраёсати хазинадории марказӣ дар мувофиқа бо Палатаи ҳисоби ҶТ |
| Буҷети тасдиқшудаи маҳаллӣ аз рӯи даромад ва хароҷот тибқи гурӯҳбандиҳои буҷетӣ | Дар давоми ду ҳафта пас аз тасдиқ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маҳаллии молия |

| | | |
|---|---|---|
| Буҷети шаҳрвандӣ (дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ) | Нашр дар якҷоягӣ бо буҷети тасдиқшуда | Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маҳаллии молия |
| Ҳисоботи семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солона оид ба иҷрои буҷетҳои маҳаллӣ | Ҳар семоҳа, нимсола, солона ва пас аз моҳи майи соли молиявӣ | Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маҳаллии молия |